**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj: E-mail: info@mmk.tj

№ 80/2с

аз «05» 08 соли 2020

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи «Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 июни соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 30 июн то 30 июли соли 2020 гузаронида шуда, аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Омӯзиш ва таҳлили ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида собит сохт, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст, лоиҳаи «Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон» фарогири таҳлили таъсири танзимкунӣ намебошад.

Директор Саидзода И.Ҳ.